Б. БОЙНАЗАРОВ, Г. ҚУРБОНОВА,
Д. ҲАЛИМЗОДА, Г. РАҶАБАЛИЕВА

# САНЪАТ ВА МЕҲНАТ



2

Б. БОЙНАЗАРОВ, Г. ҚУРБОНОВА,
Д. ҲАЛИМЗОДА, Г. РАҶАБАЛИЕВА

# САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

Китоби дарсӣ барои синфи 2-юми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Нашри сеюм**

*Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
тасдиқ кардааст*



Душанбе
«Полиграф групп»
2019

УДК 373. 167.1
ББК 74.202.66
Б-86

**Б-86.** Бойназаров Б., Қурбонова Г., Ҳалимзода Д., Раҷабалиева Г. **Санъат ва меҳнат.** Китоби дарсӣ барои синфи 2-юм. – Душанбе: «Полиграф групп», 2019, 96 саҳ.

## ХОНАНДАГОНИ АЗИЗ!

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред! Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб ҳамин гуна зебову ороста дастраси хонандагони дигар гардад ва онҳо низ аз он истифода баранд.

Истифодаи иҷоравии китоб

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли таҳсил | Охири соли таҳсил |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

ISBN 978-99975-301-4-1
Моликияти давлат

© Бойназаров Б., 2019.
© Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019.

# ДАРСИ 1
# ПАРЧАМ ВА НИШОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН





# ДАРСИ 2
## САЁҲАТ

Шароити маҳалли худро ба ҳисоб гирифта, саёҳатро ба нақша гиред. Масалан, ба ферма, боғ, беша ё корхона. Саёҳатро аз шиносоӣ бо пешқадамони истеҳсолот оғоз кунед.

Дар бозгашт чизҳои лозим (баргу поя, тухми рустаниҳо, матоъ ва ғайра)-ро ҷамъ оварда, дар корҳои амалӣ истифода баред. Натиҷаи саёҳат ва тасаввуроти худро нависед.

Вобаста ба шароити маҳал макони саёҳатро интихоб кунед. Ба табиати атроф нигаред ва дар хотир гиред, ки барги дарахтон дар ин фасл чӣ гуна аст? Чаро тирамоҳи зарин мегӯянд?

Баргеро интихоб кунед ва аз рӯйи тартиботи зерин онро тасвир намоед.

1. Бо ёрии хатти ёрирасон нишон додани ҳаракати хатти тасвир ва тарзи ҷойгиршавии расм дар рӯйи коғаз (*расми 1*).

2. Бо хатҳои нозук тасвир кардани шакли барг (*расми 2*).


*Расми 1*


*Расми 2*


*Расми 3*


*Расми 4*

3. Бо ранг тасвир кардан ва дуруст нишон додани тобиши рангҳо (*расми 3*).

4. Ба ранги зард омехта кардани ранги сурх, то дараҷае, ки ранги торикро нишон дода тавонад (*расми 4*).

## ДАРСИ 3
## КОРҲОИ ОРОЙИШӢ

Андозаҳои зеринро тайёр кунед.
Онҳоро ин тавр ҳосил кунед:



Аз шаклҳои буридаатон чунин тасвирҳо созед:





# ДАРСИ 4
# ШАКЛУ СУРОБСОЗӢ БО ЁРИИ ҶИСМҲОИ ТАБИӢ

**ШАКЛИ 1.** Аз ҷисмҳои табиӣ шакли заврақ ва сангпуштро созед.

МАСОЛЕҲИ КОРӢ: пӯчоқи чормағз, пластилин ё гил, коғаз, чӯбча.

ТАРТИБИ ИҶРОИ КОР: Чормағзро ба ду ҳисса ҷудо кунед. Аз ҳиссаи асосӣ заврақча ва аз ҳиссаи дигараш косаи сангпуштро созед. Барои сохтани бодбони заврақ аз коғаз истифода карда, онро ба воситаи пластилин ё гил ба чормағз часпонед. Ба ҳисоб гиред, ки порчаи коғаз аввал ба чӯбча гузаронида мешавад. Ҳангоми сохтани сангпушт низ аз гилу пластилин истифода баред.



**ШАКЛИ 2.** Бо ёрии пӯчоқи чормағз чунин ҷисмҳоро сохтан мумкин аст:



## ДАРСИ 5
## СОХТАНИ ГӮШАИ СИТОРАЧА

Гӯшаи ситорачаи сохтаатонро ба ёд оред. Кӯшиш кунед, ки қисмҳои сохтаатон дақиқ бароянд.

1. Сохтани секунҷа, доирача ва чоркунҷа:



2. Тасвири расмҳо аз рӯйи шаклҳои сохташуда ё бо усули оройишӣ зинат додани рӯйи онҳо (доирачаҳо):



Ҷобаҷогузории қисмҳо ва сохтани гӯша.

1. Сардор
2. Тозагӣ
3. Гулпарвар
4. Варзиш
5. Китобдор



# ДАРСҲОИ 6-7
# ТАСВИРИ МЕВА ВА БАРГ

Ба ин меваҳо таваҷҷуҳ намоед. Сипас, ҳаҷму шакли асосии онҳоро бо хатти нафис тасвир кунед. Кӯшиш кунед, ки расм бо рангҳои нарму забарӣ ё шаффоф тасвир ёбад.











## Дар вақти холӣ
## СОХТАНИ АБАКИ* МАТЕМАТИКӢ
### (Аёният барои дарси математика)

Аз картони тунук мувофиқи расмҳои 1 ва 2-и саҳифаи 10 ду доирача созед.

* А б а к – тахтаи ҳисоб

*Расми 1*  *Расми 2* 

Дар рӯйи доирачаи якум рақамҳоро навишта, аз тарафи рости он дастак часпонед (*расми 3*).




*Расми 3*

Дар қисми болои сатҳи доирачаи дуюм давврача буред (*расми 4*).



*Расми 4*

Доирачаҳоро болои ҳам гузошта, бо тирча онҳоро пайваст кунед (*расми 5*).



*Расми 5*

Дастакро чарх занонед, рақамҳо намоён мешаванд.

## Дар вақти холӣ
# ГУЛДӮЗӢ ДАР РӮЙИ МАТОЪ

Як порча матои сафедро интихоб намуда, дар рӯйи он расми гулро тасвир кунед (*расми 1*).



*Расми 1*

Акнун риштаҳои мувофиқ интихоб намуда, онро гулдӯзӣ кунед.

Писарбачаҳо имкон доранд чунин гулҳоро аз коғази ранга ё ранги моеъ дар рӯйи муқоваҳо акс намоянд (*расми 2*).



*Расми 2*

# ДАРСИ 8
# ТАСВИРИ МАНЗАРАИ ФАСЛИ ТИРАМОҲ

1. Дар рӯйи коғаз нишон додани уфуқ ва ҳамворӣ.

2. Тасвир кардани манзара дар шакли умумӣ бо ёрии хатҳои нозук.

3. Бо ёрии рангҳо (қалами ранга ё ранги моеъ) тасвир кардани манзара.











## Дар вақти холӣ
## МЕВАЮ САБЗАВОТ

**ШАКЛИ ЯКУМ.** Гили одӣ ё равғанӣ (пластилин)-ро молиш дода, чунин шаклҳоро бисозед.



*Расми 1*



*Расми 2*

Ба шаклҳои сохтаатон қисмҳои зарурӣ (думча, барг)-ро илова кунед.



*Расми 3*



*Расми 4*

Баъди хушконидан (агар гил бошад) онҳоро бо ранг оро диҳед.

**ШАКЛИ ДУЮМ.** Тасвири сабзавот ва меваҷот.







# ДАРСИ 9
# ТАСВИРИ ПАРВОЗИ ПАРАНДАГОН

Тасвири парандагон яке аз мавзӯъҳои дӯстдоштаи хонандагон аст. Шумо метавонед ин тасвирро аз тасаввуроти худ ё аз суҳбати омӯзгор кашед.

Расмро тавре тасвир созед, ки парвози парандагон дар ҳавои софу манзараи кӯҳсор аён бошад. Кӯшиш кунед, ки парандагон дар масофа ва ҳаракат гуногун ба чашм расанд. Сипас, бо рангҳои муносиб тасвирро оройиш диҳед.



Аз коғази ранга ва пластилин эҷодкорона истифода баред.



## Дар вақти холӣ
## СОХТАНИ СУРОБИ* ҲАЙВОНОТ

Ҳайвоноти хонагиро номбар кунед ва фарқи онҳоро гӯед. Нишонаҳои зерин ба кадом ҳайвон хосанд? Чашмони равшани зардча, гӯшҳои барҷаста ва думи дарози ба боло майлдошта, нохунҳои ханҷариву дандонҳои реза ва мӯйлабҳо.

Чунин шакли гурбаро аз гилу пластилин, сабзиву картошка сохтан мумкин аст (*расми 1*).

Бо ёрии меваи дарахти сӯзанбарг чунин суробро сохтан мумкин аст (*расми 2*).



*Расми 1*



*Расми 2*

* Суроб – намуд, шакл.



Расми 3

Тасвири аспро аз пӯчоқи тухм сохтан осонтар аст (*расми 3*).

Ба сифати узвҳо: пой, гӯш, бинӣ, думу чашм аз гилу пластилин истифода баред.

## Дар вақти холӣ
## ҶАМЪОВАРИИ ТУХМИ РУСТАНИҲО

Дар маҳалли шумо кадом навъи рустаниҳо парвариш меёбанд? Оё шумо мушоҳида кардаед, ки тухмҳоро чӣ тавр интихоб мекунанд? Онҳоро чӣ гуна нигоҳ медоранд?

Тухмҳои ҷамъовардаатонро дар халтачаҳои коғазӣ ё матоъгин нигоҳ доред.

Шумо имконият доред аз тухмҳои ҷамъовардаатон шаклҳои гуногун бисозед. Масалан, ин тавр:

1. Аз тухми лӯбиё.

Пластилин ё гилро ба шакли паранда дароварда, пас дар рӯйи он тухмҳоро зич мегузорем (*бо ёрии ширеш*).



Расми 1



Расми 2

2. Бо нахӯд.

Ба сатҳи рӯйи кӯзача гил ё пластилин часпонда, ба рӯйи он донаҳоро ҷойгир кунед.

# ДАРСИ 10
# НАҚШУ НИГОРИ МИЛЛӢ

Аз дарсҳои математика сохтани шаклҳои геометриро ба ёд оварда, дар рӯйи матоъ нақшу нигори миллиро бо тартиби зерин тасвир кунед.

1. Ба воситаи хатҳои ёрирасон кашидани доира ва ба қисмҳои баробар тақсим кардани онҳо (*расми 1*).

2. Аз рӯйи нуқтаҳо пайваст намудани қисмҳо ва нишон додани ҳаракати ҳосилшавии хатҳо (*расми 2*).

3. Бо рангҳои муносиб иҷро кардани кор.

4. Бо ришта (абрешим) дӯхтани тасвир.



*Расми 1*



*Расми 2*



*Расми 3*



*Расми 4*

# Дар вақти холӣ
# АЛОМАТҲОИ РОҲ

Аз коғазҳои ранга шакл ва аломатҳои зеринро созед.



Онҳоро бо ҳам васл намуда, аломатҳои зеринро омода кунед.



# ДАРСИ 11
# ЧАРОҒАКИ РОҲНАМО

Ҳаракати мошинҳоро мушоҳида кардаед? Чароғак чанд ранг дорад? Рангҳо чиро ифода мекунанд?

Аз нақшҳои зерин истифода бурда, чароғакро созед.

1. Буридани тасмачаю доирачаҳо *(расми 1).*



*Расми 1*



*Расми 2*



*Расми 3*

2. Сохтани ғилофа (расми 2).

3. Васл кардани тасмачаю доирачаҳо *(расми 3).*

# ДАРСИ 12
## ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛ

Ба инобат гиред, ки дар маҳалли шумо вақти ҷамъ овардани кадом зироат расидааст.

Дар чидани мева, аз ҷумла себу шафтолу, олуву зардолу аз сабад, дар ғунучини помидору бодиринг, турбу карам аз қуттиҳои чӯбин ва дар ғунучини картошка аз сатил истифода бурдан беҳтар аст.

Дар хотир гиред, ки вазни қуттиҳои пуркардаатон аз 3-4 килограмм зиёд набошад.

Барои ҷамъоварии ҳосил баъд аз дарс ба калон-солон ёрӣ расонед.



# ДАРСИ 13
# ТУҲФА БА КАЛОНСОЛОН



Оё ба ҳисоб гирифтаед, ки пеш аз идҳо ба падару модар ва дигар наздиконатон чӣ туҳфа хоҳед кард?

Табиист, ки барои онҳо туҳфаи олӣ баҳои «5» мебошад.

Ғайр аз ин, шумо метавонед туҳфа сохта, ба онҳо тақдим кунед.

# ДАРСИ 14
# БО ЁРИИ РЕСМОН СОХТАНИ ШАКЛҲОИ ДИЛХОҲ

Ба воситаи ресмон лӯхтакча ва шаклҳои гуногун сохтан мумкин аст. Масалан, аз ресмон чунин шаклҳо месозем.





Чуноне ки аз расм маълум аст, узвҳо аз рӯйи андозаи муайян сохта мешаванд *(расми 1).*



*Расми 1*

Кӯшиш кунед, ки ранги ресмон ба ранги (пӯст ва мӯйи) шакли сохташаванда мувофиқ ояд. Масалан, мӯй сиёҳ, дандонҳо сафед, дастон гандумгун ва ғайра.

Якчанд чӯбчаи мувофиқ, тугма ё тангаеро интихоб карда, бо ёрии матои сафед ва ришта онҳоро пайваст кунед.

Ду-се намуди риштаи ранга (абрешимӣ)-ро интихоб намуда, онҳоро гирдогирди давра печонед, ки «рӯй» ҳосил шавад *(расми 2).*

Дар охир бо ёрии риштаи сиёҳ ба лӯхтак «мӯй» илова карда, ба танаш куртача пӯшонед (*расми* 3).



*Расми 2*



*Расми 3*

# ДАРСИ 15
# ТАСВИРИ МЕВА ДАР РАСМ

1. Дуруст тасвир кардани шакли умумӣ ва ҷузъҳои маводди тасвир.

2. Нишон додани шакли маводди тасвир ва ҷойҳои соядори он бо рангҳо.

3. Мувофиқи шаклу сурати меваҳо интихоб кардани рангҳо.



# Дар вақти холӣ
# БОФТАНИ САБАДЧА

Як давра ва якчанд тасмачаи гуногунандоза бурида, омода кунед (*расми 1*).



*Расми 1*

Тасмачаҳои нисбатан кӯтоҳи паҳнро ба тариқи зер гирдогирди давра пайваст кунед (*расми 2*).



*Расми 2*

Тасмачаҳои васлшударо ба боло (амудӣ) қат карда (тор), аз байни онҳо тасмачаҳои дуюм (пудҳо)-ро мунтазам бофед (*расми 3*).



*Расми 3*

# ДАРСИ 16
## БА ВОСИТАИ НАЙЧА СОХТАНИ ШАКЛҲО

Тасмачаҳои коғазии барашон 3-сантиметрӣ буред (*расми 1*).



*Расми 1*

Тасмачаи буридаатонро ба ҳиссаҳои баробар ҷудо кунед (*расми 2*).



*Расми 2*

Ҳар як порчаро дар мехча печонида, найча ҳосил кунед (*расми 3*).



*Расми 3*

Найчаҳоро аз сим гузаронида, ҷисми дилхоҳатонро созед (*расми 4*).



*Расми 4*

Ҳамин тариқ, аз найча шаклҳои геометрӣ, ашё, суроби парандаву ҳайвонот ва ғайраро сохтан мумкин аст (*расми 5*).



*Расми 5*

Найчаҳоро аз рустаниҳо, аз ҷумла аз най, қамиш ва пояи ҷаву гандум низ омода кардан мумкин аст.

## ДАРСИ 17
## ТАСВИРИ МАНЗАРАИ КИШВАРИ ОФТОБӢ

Кишвари азизи мо – Тоҷикистон манзараҳои зебо дорад. Ҳунармандони мо аз он илҳом гирифта, осори зебо меофаранд. Шумо метавонед манзараҳои маҳалли худро зебо тасвир кунед. Тавре тасвир созед, ки табиати рангин ва дурахшонии хуршед дилкаш ифода ёбад.





# ДАРСИ 18

## СОХТАНИ ШАКЛУ СУРОБИ ЗАРФ ВА НАҚШУ НИГОРИ ОН

Суроби зарфҳоро тасвир намуда, онҳоро аз гил ё пластилин созед.

1. Бо ёрии хатҳои ёрирасон нишон додани ҳаҷми умумӣ (нуқтаҳо).

2. Тасвири хатҳои доирашакл ва офаридани шакли асосӣ.

3. Интихоби ранг ва оро додани зарф. Мувофиқи расмҳо зарфро аз гил ё пластилин созед.



# Дар вақти холӣ
# СОХТАНИ МОДЕЛИ СОАТ

Тартиби сохтани соатро ҳанӯз дар синфи якум омӯхтаед. Акнун имконият доред сохтани моделҳоеро интихоб кунед, ки дар онҳо қисмҳои нав мавҷуд бошанд. Масалан, интихоби рақамҳои римӣ (*расми 1*).

| I | II | III | IV | V | VI | VII | VIII | IX | X |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

*Расми 1*

**Қисмҳои соат**ро дар алоҳидагӣ ин тавр месозанд: ақрабак (*расми 2*).



*Расми 2*

**Қуттии соат**ро ин тавр сохтан мумкин аст: порчаи картони нафисро гирифта, дар рӯйи он давра мекашем (*расми 3*).



*Расми 3*

Акнун ҷисми ҳосилшударо ба шакли қуттӣ қат мекунем (*расми 4*).



Расми 4

Дар рӯйи давра рақамҳо ва ақрабакҳоро мечаспонем (*расми 5*).




Расми 5

## ДАРСИ 19
## ТАСВИРИ БАРГҲОИ ЗАРИН

Метавонед сурати дарахтонро ба воситаи баргҳои зарини гуногун тасвир кунед. Расмро тарзе тасвир кунед, ки баргҳо дар дарахтон овезон бошанд. Рангҳоро тавре интихоб кунед, ки зебоӣ ва ҳамбастагии онҳо хушнамуд бошад.



## Дар вақти холӣ
## ПАРВАРИШИ РУСТАНИҲОИ ХОНАГӢ

Якчанд зарфро аз об пур карда, ба даруни онҳо қаламчаи рустаниҳоро гузоред.







Баъди пайдо шудани решачаҳо онҳоро ба зарфҳои хокдор шинонед. Рустаниҳои хонагиро ҳам дар хок ва ҳам дар об парвариш кардан мумкин аст. Нилуфар, эвкалипт ва тугмагулро дар об мепарваранд. Хори кактус, алоэ (уд), ҳиногул дар хок парвариш карда мешаванд.

## ДАРСИ 20
## ТИРАМОҲРО ТАСВИР МЕКУНЕМ

Ба боғ рафта, мушоҳида кунед, ки ранги дарахтон (баргу мева) чӣ гуна тағйир ёфтааст?

Яке аз дарахтони мевадорро интихоб карда, бодиққат аз назар гузаронед, ки тана, барг ва меваи он чӣ гуна аст?

Онҳо аз ҳамдигар бо кадом шаклу ранг фарқ мекунанд. Пеш аз тасвир рангҳоро муайян кунед. Нурпошии Офтобро низ аз хотир фаромӯш накунед.



## Дар вақти холӣ
## МЕТРИ ҚАТШАВАНДА

Аз картони нафис 10 дона чунин тасмача созед (*расми 1*).

Фосилаи ҳар як сантиметрро муайян кунед (*расми 2*).



*Расми 1*



*Расми 2*

Рақамҳоро навишта, тасмачаҳоро бо қалами ранга ё ранги моеъ ранг кунед (*расми 3*).



*Расми 3*

Тасмачаҳои ҳосилкардаатонро ба ҳам пайваст намуда, метри қатшаванда ҳосил кунед (*расми 4*).




*Расми 4*

# ДАРСИ 21
# ЭҶОДКОРӢ АЗ АШЁИ ТАБИАТ

Аз барг шаклҳои гуногуни ҳайвонот, паранда ва ҳашаротро созед. Сипас, миқдори муайяни ширешро бо мӯқалам ба рӯйи барг моле, то хушк шавад. Агар дар тирамоҳ аз хазони дарахтон истифода баред, тасвирҳои зебо пайдо мешаванд.





# Дар вақти холӣ
# ГУЛДӮЗӢ

Нақши Офтобро рӯйи порчаи матоъ тасвир карда, бо ресмони зарди абрешимӣ гулдӯзӣ кунед (*расми 1*).



*Расми 1*

Ҳамин тавр, шакли олуро бо риштаи қаҳваранг ё сурх дӯхтан мумкин аст (*расми 2*).



*Расми 2*

# ДАРСИ 22
# ТЕАТРИ ЛӮХТАК



Шумо аз китоби «Хониш» ва дигар китобу маҷаллаҳо афсонаву ҳикояҳои бисёр хонда, намоишҳои кино ва театрро тамошо кардаед.

Оё қаҳрамонони афсонаҳо ва сарулибоси онҳоро сохта метавонед? Аз расмҳо истифода баред, суроби қаҳрамон ҳосил хоҳад шуд ва бо рангҳо ин расмҳоро оройиш диҳед.



1. Омода кардани қисмҳо.
2. Васли қисмҳо (узвҳо) ва сохтани шаклу суроб аз коғазҳо.

# ДАРСИ 23
# ТАСВИРИ ХОНА ВА ДЕҲА

Дар расми зер хона ва дарахтон тасвир карда шудаанд. Шумо метавонед манзараҳои гуногунро тасвир кунед. Кӯшиш кунед, ки нафосати тасвири хатҳо дар ҳамбастагии рангҳо эҷодкорона акс гардад. Сипас, бо қаламҳои ранга ё бо рангомез расмро тарзе тасвир кунед, ки зебоии он равшан намоён шавад.





# ДАРСИ 24
# ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛ

Муайян кунед, ки дар маҳалли шумо мавсими ғунучини кадом навъи зироат ё мева фаро расидааст? Медонед, ки ангуру себ, анору олуро дар чӣ гуна зарф меғундоранд?





Чаро помидорро дар қуттиҳои чӯбини нисбатан хурд (10 килограмм) ҷамъ меоваранд?

Ҳангоми ёрӣ расондан ба калонсолон аз хотир набароред, ки зарфҳои нисбатан вазнин (аз 5 килограмм боло)-ро танҳо дунафарӣ бардоштан лозим аст.

# ДАРСҲОИ 25-26
# БОЗИЧАҲОИ ОРОЙИШӢ

Ба мақсади оро додани арчаи солинавӣ бозичаҳоеро сохтан лозим аст, ки шавқу завқ нисбат ба онҳо зиёд бошад. Доирачаву чоркунҷаҳо, ситорачаву шакли сабзавоту меваҷот, бодбезаку зарварақчаҳо, занҷираву фонусчаҳо аз қабили чунин оройишҳоянд (*расми 1*).



*Расми 1*

**Супориши якум.** Чунин чоркунҷаҳо бурида, онҳоро дар як ришта гузаронед, шадда ҳосил мешавад (*расми 2*).



*Расми 2*

Аз доирачаҳо низ чунин шаддаҳо месозанд (*расми 3*).



*Расми 3*

**Супориши дуюм.** Тасмачаҳои коғазии гуногунрангро ба тарзи зерин печонед, занҷир ҳосил мешавад.



## Дар вақти холӣ
## СОХТАНИ ЛИФОФА

Лифофаро бо шаклу ҳаҷми гуногун сохтан мумкин аст. Аз ҷумла лифофа ҳамчун ҷузъгир барои нигоҳ доштани шаклҳои геометрӣ истифода мешавад.

1. Аз коғаз буридани шакли чоркунҷа (*расми 1*).



*Расми 1*



Расми 2



Расми 3

2. Муайян намудани хатҳои қатшаванда, бурриши кунҷҳо (*расми* 2).

3. Пайвастани гӯшаҳо ва истифодаи он (*расми* 3).

## Дар вақти холӣ
## АРҒУНЧАК

Ба расми 1 нигаред ва гӯед, ки оё дар чунин арғунчак (ё шакли дигараш) бозӣ кардаед?

Арғунчакро чӣ тавр сохтан мумкин аст?



Расми 1



*Расми 2*



*Расми 3*



*Расми 4*



*Расми 5*

1. Сохтани сутунчаҳо (*расми* 2).
2. Сохтани тирчӯб (*расми* 3).
3. Тайёр кардани таҳкурсӣ (*расми 4*) ва тахтачаи нишаст (*расми* 5).

Акнун қисмҳоро ҷобаҷо гузошта арғунчак созед.

## Дар вақти холӣ
## ШАКЛУ СУРОБСОЗӢ АЗ СИМ

Шаклҳо (фигураҳо)-и геометрии дар дарси математика омӯхтаатонро ба хотир биёред.

Бо ёрии сими печон (спиралшакл) шаклу суробҳои дилхоҳро сохтан мумкин аст. Сими печонро ин тавр тайёр кунед: сими борики мисин, пӯлодӣ ва ғайраро гирдогирди мехча печонед. Дар натиҷа симпечҳои гуногун ҳосил мешавад (*расмҳои 1, 2-и саҳифаи* 42).

Акнун бо ёрии симпечҳои ҳосилкардаатон шаклҳои дилхоҳатонро созед (*расмҳои 3, 4*).

Бо ин усул метавонед шакли зарфҳо, ҳар гуна асбобу олот ва бозича созед.



*Расми 1*



*Расми 2*



*Расми 3*



*Расми 4*

# ДАРСИ 27
# ТАСВИРИ МАНЗАРАИ КӮҲСОР

Дар расм манзараи кӯҳсор, харсангҳо ва дарахтони қатор хеле хуб тасвир ёфтаанд. Онро эҷодкорона тавре тасвир кунед, ки зебоӣ ва нафосати манзараи кӯҳсор халалдор нашавад.



## Дар вақти холӣ
## АЁНИЯТ БАРОИ ДАРСИ ЗАБОНИ МОДАРӢ – «АБАК»

Аз картони нафис ё вараќи албом чунин қуттичаҳо созед (*расмҳои 1, 2*).



*Расми 1*



*Расми 2*

Пас, бо ёрии қалам аз коғази одӣ ё рӯзнома ду пояи коғазӣ созед (*расмҳои 3, 4*).



*Расми 3*



*Расми 4*

Дар охир аз расмҳои зерин истифода бурда, қисмҳоро ҷобаҷо кунед.

Ҳангоми тоб додани пояҳо аз дарича навиштаҳо намоён мешаванд.

| ДО НО, НО ДОН |
| --- |

*Расми 5*




## ДАРСИ 28
## ШИНОСОӢ БО РАССОМ

Шумо номи Мирзораҳмат Олимовро шунидаед. Ӯ яке аз наққошони бузурги тоҷик буда, дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Манзараҳои шаҳри қадим, одамони гуногункасби он, анъана ва эҷодиёти халқӣ дар қалби Мирзораҳмати ҷавон ҳисси муҳаббат ба ҳунарро бедор кард. Ӯ аз овони ҷавонӣ дар оройиши нақшу нигори биноҳои гуногуни ҷумҳурӣ фаъолона ширкат варзида, дар ин соҳа саҳми босазое гузоштааст.



М. Олимов солҳои зиёд дар ҳунаристони зебои шаҳри Душанбе ба ин касби боифтихор машғул шуда, шогирдони зиёд тарбия кардааст, ки алҳол ҳама ҳунармандони маъруфанд.

Наққошиҳои эҷодкардаи М. Олимов хеле рангину пурмазмун мебошанд. Дар маркази композитсияи он нақши гулу гиёҳ, баргу поя, акси парандагон дар ҳамбастагӣ бо истифодаи рангҳо хеле ҷолиб нигориш ёфтаанд.

## ДАРСИ 29
## ТАСВИРИ ЗАРФҲО



Ба болои миз ё дар ҷойи дигар зарфи дилхоҳатон (кӯзача, сатилча, сабадча ва ғайра)-ро гузошта тасвир кунед.



# Дар вақти холӣ
# СОХТАНИ МОДЕЛИ МОШИН

Шумо кадом тамға ва намуди мошинҳоро медонед?

Дар кадоми онҳо бештар савор шудаед?

Дар сохтмон кадом мошинҳоро бештар ба кор мебаранд?

Падар ё бародари кӣ ронанда аст ва дар хусуси кори онҳо чӣ медонед?

Расми мошинро аз назар гузаронида, қисмҳои ба чашм намоёнро номбар кунед (*расми 1*).



*Расми 1*

Аз қуттиҳои холии гӯгирд истифода бурда, ба мошини дар расм монанд мошинча созед: ду қуттӣ – ба сифати кабин; якто – ба сифати муҳаррик (мотор); аз чӯбчадонаш соғу (бордон) сохтан мумкин аст. Чархҳояшро аз тугма созед.

# ДАРСҲОИ 30-31
# СОХТАНИ ШАКЛИ ПАРАНДАГОН

Дарси ҳунар бояд саршор аз ҷустуҷӯ бошад. Доштани завқи баланд дар он нақши калон мебозад. Дар дарсҳои гузашта бо тасвири ҳайвонот ва парандагон ошно шудед. Аз зебоӣ, шакл ва рангубори онҳо лаззат бурдед. Акнун тарзи дурусти сохтани шакли ҳайвонот ва парандагонро аз пластилину гил мутобиқи расмҳо машқ кунед.





Чунин тасвирҳоро аз шохи хушки дарахтон низ сохтан мумкин аст. Ҳангоми тасвири симои ҳайвонот ва парандагон кӯшиш кунед, ки дар симои ҳайкалчаҳои худ хулқу атвори қаҳрамонони афсонаҳо бараъло намоён бошанд.







# ДАРСИ 32
# НАҚШУ НИГОРИ МИЛЛӢ

1. Омӯзиши танзим ва тақсими баробари қисмҳои ашё.
2. Тасвири симои ашё аз як тараф.
3. Ба воситаи хатҳо пайваст кардани қисмҳо.
4. Бо рангҳои муносиб ба анҷом расонидани оройиш.





Чунин наққоширо дар матоъ тасвир намуда, онро гулдӯзӣ кунед.

## Дар вақти холӣ
## СОХТАНИ ҚОЛИБҲО

Қолибҳоро аз ҷисмҳои гуногун сохтан мумкин аст.

Картошкаи начандон калонро гирифта, онро ба ду ҳисса ҷудо карда, дар сатҳи болои яке аз қисмҳо бо қалами ранга чоркунҷаеро тасвир кунед ва пас аз он мувофиқи хатҳои ишорашуда бурида, қолибро созед.



Бо ёрии қолиби ҳосилкарда дар мавридҳои расмкашӣ метавонед муқоваи албом ва ё ашёи дилхоҳатонро ба тариқи зерин оро диҳед; бо мӯқалам ба рӯйи қолиб ранги дӯстдоштаатонро молида, пас онро дар рӯйи ҷисм (масалан, муқоваи албом) часпонед.





Аз резин низ қолибҳоро сохтан мумкин аст. Масалан, дар чунин шакл:





## Дар вақти холӣ

## АЁНИЯТ БАРОИ ДАРСИ ТАБИАТШИНОСӢ

**ШАКЛИ 1.** Аквариум. Аквариумро ин тавр созед.

1. Интихоби коғазҳои ранга ва аз онҳо тайёр кардани қисмҳо (*расми 1*).



*Расми 1*

2. Ҷобаҷогузории қисмҳо ва сохтани аквариум (*расми* 2).



*Расми 2*

**ШАКЛИ 2.** Ҷангалзор. Дар ҳаҷми андозаи зерин муқоиса кунед (*расми 3*).



*Расми 3*



*Расми 4*

Аз андозаҳои додашуда истифода бурда, расми бешаро тасвир кунед (*расми 4*).

Акнун қисмҳоро ҷобаҷо гузошта, чунин тасвир созед.

## Дар вақти холӣ
## НИГОҲУБИНИ РУСТАНИҲОИ ХОНАГӢ

Табиист, ки ниҳолчаҳои кӯчаткардаи шумо қомат рост кардаанд. Минбаъд кӯшиш кунед, ки ба ниҳолчаҳо ҳамеша нурҳои Офтоб расад. Инчунин бехи ҳар як ниҳолро нарм карда об диҳед.



*Расми 1*



*Расми 2*

Барои муайян кардани сабзиши ниҳолчаҳо дар ҳар як тубак (гулдон) ченчӯб гузоред ва бубинед, ки ҳафтае онҳо чанд миллиметр ё сантиметр қад мекашанд.

Ченчӯбаҳоро ин тавр сохтан мумкин аст (*расмҳои 1, 2*).

## ДАРСИ 33
## ТУҲФА БА РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ

Ҷашни рӯзи ташкилёбии Артиши миллиро ба воситаи кино ва барномаҳои телевизионӣ тамошо кунед.

Корнамоиҳои тоҷиконро дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз хотир набароред.



*Туҳфаи 1*



*Туҳфаи 2*

Шумо имконият доред, ки навбати аввал қаҳрамонону иштирокчиёни ҷанг, пас падару бародаронатонро бо ин рӯзи ҷашн ба туҳфаҳое, ки худатон онҳоро сохтаед, табрик кунед.

## Дар вақти холӣ
## ГУЛДӮЗӢ ДАР РӮЙИ МАТОЪ

Ба мақсади ёрӣ ба боғча, шумо имконият доред барои хурдтаракон бозичаҳо созед.

**ШАКЛИ 1.** Бодбарак.

1. Интихоби порчаи коғаз ва ба шакли чоркунҷаҳо даровардани он (*расми 1*).

2. Аз гӯшаҳо ба марказ гузаронидани хатҳои буриш (*расми 2*).



*Расми 1*



*Расми 2*

3. Пайваст кардани гӯшаҳо ба марказ ва рӯйи ҳам ширеш кардани онҳо.

4. Пайвастани бодбарак ба даста (*расми 3*).



*Расми 3*

**ШАКЛИ 2.** Шакли дуюми бодбаракро аз чӯбу коғаз ин тавр сохтан мумкин аст.

1. Интихоби тасмачаҳо (*расми 1*).

*Расми 1*



2. Қат карда аз байни якдигар гузаронидани онҳо (*расми 2*).

*Расми 2*



Интихоби даста ва ба он гузоштани бодбарак (*расми 3*).



*Расми 3*

**ШАКЛИ 3.** 1. Бозичаҳо бо ёрии сим (аробача).

1. Симеро интихоб карда, онро дар шакли доирача часпонед (*расми 1*).

*Расми 1*



2. Акнун нӯги симро аз байни доирача гузаронида, баъди 10 сантиметр боз чарх занонед (*расми 2*).

*Расми 2*



Дар охир барои он дастача созед ва часпонед (*расми 3*).



*Расми 3*

# ДАРСИ 34
# МОДЕЛИ КИШТӢ

Соли гузашта ба воситаи шаклҳои геометрӣ чунин киштича сохта будед:



**ШАКЛИ 1.** Акнун метавонед аз маводди табиӣ киштичаҳои гуногун бисозед.

1. Аз пӯстлохи дарахт





2. Аз тахтача



3. Аз пӯчоқи чормағз

**ШАКЛИ 2.** Киштиро аз рӯйи нақша сохтан осон аст (расмҳои 1, 2).

*Расми 1*



*Расми 2*



# ДАРСИ 35
# ТАСВИР АЗ РӮЙИ МАВЗӮЪ

Маконеро интихоб кунед, ки дар он ҷо падару модаратон кор мекунанд. Масалан, боғ, ферма, устохона, корхона ва ғайра. Гӯшае аз манзараи он ҷоро ба хотир оварда, тасвир созед (*расмҳои 1, 2*).

*Расми 1*



*Расми 2*



# ДАРСИ 36
## КОРҲОИ ОРОЙИШӢ

Дар дарси пешин сохтани қолибҳоро машқ карда будем. Ҳоло боз қолиб созед. Бо ёрии қолибҳои ҳосилкардаатон дар рӯйи албом шаклҳои зеринро тасвир кунед.

Дар ҳолати набудани албом, шумо имконият доред, ки онро мустақилона созед.



*Расми 1*



*Расми 2*



*Расми 3*



*Расми 4*



*Расми 5*

1. Аз картони ғафс чунин муқова созед (*расми 2*).
2. Аз коғази одии хатнависӣ мувофиқи андозаи муқова якчанд варақ гиред (*расми 3*).
3. Варақҳоро болои ҳам байни муқоваҳо гузошта, дар фосилаи 5 миллиметр сӯрохиҳо гузоред (*расми 4*) ва онҳоро бо сим дӯзед.

Рӯйи муқоваро бо хоҳиши худатон оро диҳед, масалан ин тавр (*расми 5*).

# Дар вақти холӣ
# ЧАСПОНИДАНИ ТУГМА

Як порча матоъро гиред (*расми 1*).

Ба он тугмаеро гузошта, аз зери матоъ сӯзани ришта-дорро ба боло гузаронед (*расми 2*).

Сӯзанро аз сӯрохии дуюм ба зер гузаронед (*расми 3*).

Акнун дар байни сӯрохиҳо донаи гӯгирдро гузошта, корро идома диҳед (*расми 4*).



*Расми 1*



*Расми 2*



*Расми 3*



*Расми 4*

# ДАРСҲОИ 37-38
# ТАСВИР ДАР МАВЗӮИ АФСОНА

Дар мавзӯи афсонаҳои дӯстдоштаатон расм кашед.

Аз коғази ранга намуди қаҳрамонони афсонаро буред ё аз пластилин тасвирҳои рангин тартиб диҳед.

Ҳамин тавр, шумо метавонед суратҳои рангини тасвирӣ ё композитсияҳои шавқовари пластилинӣ созед, ки онҳо хеле шавқовар бошанд.









# ДАРСИ 39
# СОХТАНИ БОЗИЧАҲО БАРОИ КӮДАКОНИ БОҒЧА

Оё шумо медонед, ки ба додару хоҳаронатон бештар кадом бозичаҳо маъқуланд?

Масалан, бо ёрии қуттиҳои холии гӯгирд ва ё пластилин чунин бозичаҳоро сохтан мумкин аст: мошин, заврақ, хонача ва ғайра





Қуттии якум ба сифати муҳаррик (мотор), дуюм ва сеюм кабин, чорум қисми қафо, тугмачаҳо ба сифати чарх. Мустақилона бозичаҳои зеринро созед:




# ДАРСИ 40
# ШИНОСОӢ БО МАРДИ ҲУНАРМАНД

Алиаҳмад Вахонӣ дар яке аз ноҳияҳои кӯҳистони Бадахшон ба дунё омадааст. Ҳунари наққоширо ӯ дар зодгоҳаш Ямг аз хешовандонаш омӯхтааст. Дар ин деҳа бисёр мутрибон, ҳофизон, шоирон ва наққошон зиндагӣ мекарданд. Алиаҳмад дар наққошиҳо тасвири хеле бою рангинро моҳирона тасвир кардааст. Дар бисёр наққошиҳои ӯ тасвири хатҳои сарбастаи мавҷнок корбаст шудаанд.



Алиаҳмад ҳамчун наққош дар оройиши хонаҳои зодгоҳаш нақшҳои зиёде офаридааст. Ӯ ҳунари баланди худро инчунин дар рӯйи санги мармар ва лоҷвард низ ба кор бурдааст. Ин аст ки муҳаббати саршор нисбат ба ҳунари наққошӣ ва заҳмати эҷодкорӣ бо мурури замон номи Алиаҳмадро машҳур ва сазовори ҳурмату эҳтироми умум гардонид.

# Дар вақти холӣ

## КРАНИ БОРБАРДОР

Муайян кунед, ки дар маҳалли шумо кадом намуди кран кор мекунад (*расмҳои 1, 2*).



*Расми 1*



*Расми 2*

Кран кадом корро иҷро мекунад? Онро дар чӣ гуна ҷойҳо ё сохтмонҳо ба кор мебаранд?

Падар ё бародари кӣ кранчӣ аст? Кран кори инсонро чӣ тавр осон мекунад? Қисмҳои асосии кранро номбар кунед. Бо ёрии сим чунин кран созед (*расми 3*).

Онро бо ёрии коғаз ин тавр сохтан мумкин аст.

1. Сохтани қисми такягоҳ.
2. Тирчӯб.
3. Таҳкурсӣ бо чархҳо.
4. Сангҳои мувозинат.
5. Танобҳо.

Аз расмҳо истифода бурда, мустақилона кран созед.



*Расми 3*

# ДАРСИ 41
# ЧАВГОНБОЗИИ МИЛЛӢ

Чавгонбозӣ яке аз бозиҳои қадимтарин ва дӯстдоштаи халқи мо мебошад. Ин бозӣ таърихи қадимӣ дошта, дар бисёр деҳаҳо дар байни наврасон то ҳол вуҷуд дорад. Дар вақти тасвири чавгон аввал шакли хомакиро бо хатҳои нозук ишора намуда, сипас ба кори наққошӣ ва рангубори он машғул шавед.



# ДАРСИ 42
# СОХТАНИ ЗАРФ БО УСУЛИ ОҲАРДИҲӢ

Ба зарфе об гирифта, дар он порчаҳои коғази тунук ва рӯзномаро омехта кунед (*расми 1*).



*Расми 1*

Акнун зарфи дилхоҳатонро ба рӯйи дигар гузошта, дар сатҳи рӯйи он порчаҳои намнокшударо як қабат гузоред (расмҳои 2, 3).



*Расми 2*



*Расми 3*

Сипас, ба рӯйи қабати гузоштаатон ширеш молида, боз як қабат коғазпора гузоред. Аз болои он боз ширеш ва коғаз… Ин амалро то ҳолати 6-8 қабат шудани коғаз давом диҳед (расми 4).

Ҷисми ҳосилкардаатонро то пагоҳ нигоҳ дошта, пас қабати ҳосилшударо аз зарф ҷудо кунед (расми 5).



*Расми 4*



*Расми 5*

Зарфи сохтаатонро рангубор карда, бо гулҳои дилхоҳатон оро диҳед (расми 6).



*Расми 6*

## ДАРСҲОИ 43-44
## ОРОЙИШИ НАҚШУ НИГОР

Зебогии оройиши нақшу нигор ба ҳамбастагии рангҳо вобаста аст. Ин гуна рангҳои баланди ба ҳам мувофиқро шумо дар наққошиҳои Тоҷикистон дида метавонед. Агар нақшу нигорро расм кашиданӣ бошед, пас рангҳои ба ҳам мувофиқро истифода баред. Бо рангҳои ҷилодеҳ нақшу нигорро оро диҳед.



Чунин нақшу нигорро аз тасаввуротатон тарзе тасвир созед, ки ҳунари эҷодкории шумо ба чашм бирасад.

# ДАРСИ 45
# ТУҲФА БА ҶАШНИ РӮЗИ МОДАР

Туҳфаҳо гуногун мешаванд. Туҳфаи беҳтарин ин туҳфаест, ки шумо онро ба дасти худ сохтаед.

Духтарчаҳо имкон доранд рӯймолчае гулдӯзӣ карда, бо он хотири модарашонро шод гардонанд (*расми 1*).



*Расми 1*

Писарчаҳо бо маҳсули дасташон: бозичаву мошинча ва дафтарчаву китобчаҳо сохта, метавонанд модарашонро табрик кунанд (*расми 2*).



*Расми 2*

# Дар вақти холӣ
# ДӮХТАНИ РӮЙМОЛЧА

Кори оғозкардаатонро дар хона идома диҳед. Барои шерозаи рӯймолчаҳо рангҳои равшанро интихоб кунед (*расми 1*).



*Расми 1*

Дар рӯйи матои интихобкардаатон аввал расми нақшу нигорро тасвир карда, пас гулдӯзӣ кунед.



*Расми 2*

Чунин амалҳоро дар хона идома диҳед.



*Расми 3*

# ДАРСИ 46
# КОРҲОИ ОРОЙИШӢ

Нақши дар рӯймолча офаридаатонро ба нақши девор муқоиса кунед (*расмҳои 1, 2*).



*Расми 1*



*Расми 2*

Нақшҳои девори хона, чойхонаву ошхонаҳо, қасрҳои маданият, осорхона ва ғайраро ба хотир оварда, метавонед нақши ба онҳо монанд биофаред.

## Дар вақти холӣ
## КОШТАНИ ТУХМӢ ВА НИГОҲУБИНИ РУСТАНӢ

Дар маҳалли шумо кадом рустаниҳо мерӯянд?

Оё вақти кишт тухмиҳоро муайян карда метавонед? Ҳангоми кишту кор аз кадом навъи пору истифода бурдан мумкин аст?

Тухми зироатҳоро чӣ тавр ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд?

**Супориш.**

1. Тухмиҳоеро интихоб кунед, ки коштани онҳо ба шароити маҳаллатон мувофиқ бошад.

2. Замини киштро аз баргу пояи рустаниҳо тоза намуда, пас ба кишт шурӯъ кунед.

3. Ёрии хонандагони синфҳои болоиро дар кори нарм намудани замин аз хотир фаромӯш накунед.

4. Асбоби кориро мувофиқи ҷисм ва синну солатон интихоб кунед.

5. Пеш аз ба кор шурӯъ намудан, ба гурӯҳҳо (*бо маслиҳати омӯзгор*) ҷудо шавед. Натиҷаи коратонро аз рӯйи ҷадвали зерин ба ҳисоб гиред.

| **Номгӯйи рустанӣ** | **Вақти кишт** | **Номгӯйи ғизо** | **Обу ғизо** | **Ҳосил** |
|---|---|---|---|---|
| Тухмӣ | 21.III.2019 | Пору | Обу ғизо | Тирамоҳ |







# ДАРСИ 47
# НИГОҲУБИНИ РУСТАНӢ ВА САБЗАВОТ

Талаботи рустанӣ ва сабзавоти қитъаи заминатонро бо обу ғизо муайян кунед.

Кадом рӯз ба сабзавот додани обро мувофиқ медонед ва чаро? Истифодаи кадом намуди пору (органикӣ ё минералӣ)-ро афзалтар медонед?

Кадом сабзавот аз хунукӣ (–1°) зарар мебинад ва онро чӣ тавр муҳофизат бояд кард?



**Супориш.**

Вақти коштан, обу ғизодиҳӣ, нармкунӣ ва хишоваи сабзавотро муайян кунед.

Муайян кунед, ки кадом тадбири шумо (дар гармӣ, муътадил, додани об, истифодаи поруҳо ва ғайра) фоиданоктар аст.

# ДАРСИ 48
# ТАСВИРИ МАНЗАРАИ БАҲОР

1. Моҳирона тасвир кардани пастиву баландӣ.
2. Тасвир намудани манзара. Бо ҷузъҳои лозимӣ ғанӣ гардонидани композитсия.
3. Интихоби рангҳои шинам ва истифодаи онҳо.
4. Тасвири самти рӯшноӣ ва торикӣ дар расм.







# ДАРСИ 49
# СОХТАНИ ЗАРФҲО

Бо мақсади сохтани зарфи дилхоҳ, пеш аз ҳама, масолеҳи онро ба чунин шакл даровардан даркор аст (*расми 1*).



*Расми 1*



*Расми 2*

Сипас онро вобаста ба шаклу андозаи маснуоти сохташаванда тағйир диҳед. Масалан, барои сохтани косаву пиёла ин тавр (*расми 2*).

Дар охир зарфҳои сохтаатонро ин тавр оро додан лозим аст (*расми 3*).



*Расми 3*

## Дар вақти холӣ

# СОХТАНИ ҶУЗЪГИР

Шумо имконият доред ҷузъгирҳои гуногуншаклу гуногунҳаҷм созед.

**ШАКЛИ 1.**



Чунин ҷузъгирро ин тавр сохтан мумкин аст (*расми 1*).



*Расми 1*

1. Интихоби картони тунук барои муқова (*расми 2*).



*Расми 2*



*Расми 3*

**ШАКЛИ 2.** Ду порча картони муқаррариро интихоб карда, онҳоро сӯрох кунед.

Акнун аз сӯрохиҳо тасмачаҳои аз матоъ сохташударо гузаронида, ҷузъгир созед. Дар рӯйи муқова метавонед тасвир кашед. (*расми 4*).



*Расми 4*

## ДАРСИ 50
## КОРҲОИ ОРОЙИШӢ

Барои наққошӣ сохтан аз гулу барги дарахтон, силсилаи гулҳоро буред. Сипас, онҳоро бо тартиб ба вараќи ранга часпонед, қолиб ба вуҷуд меояд. Дар поёни он аз коғази ба тарзи маҳин буридашудаи ранга шилшила сохтан мумкин аст. Ин намуди нақшҳо барои оройиши манзили зист мувофиқ аст.



## ДАРСИ 51
## СӮЗАНГИРАК

Сӯзангиракро дар шаклҳои гуногун сохтан мумкин аст.

**ШАКЛИ 1.** Картони тунукро интихоб намуда, дуқат кунед (*расми 1*).

Пас, ба андозаи он матои махмалинро интихоб намуда, ба қисми дохилаш васл кунед ва аз канораҳо кӯкдӯзӣ кунед (*расми 2*).



*Расми 1*



*Расми 2*

**ШАКЛИ 2.** Матои дилхоҳатонро интихоб карда, онро бо пахта ба шакли болишт бидӯзед (*расми 3*).



*Расми 3*

**ШАКЛИ 3.** Матои интихобкардаатонро дар сурати ҷисме даровcurrently, ба дарунаш пахта андозед ва дӯзед. Сӯзангиракатон шакли дигар мегирад.

# ДАРСИ 52
## НАҚШУ НИГОР

Дар дарси гузашта бо намунаи наққошии гулҳо ошно шудед. Дар ҳунари наққошӣ аз шакли гулҳо ва зебоии онҳо фаровон истифода шудааст. Ин бор наққоширо дар шакли доира тарзе тасвир кунед, ки мисли шакли гул бошад. Сипас, онро бо рангҳои сурх, кабуд, бунафш ва рангҳои дигар оройиш диҳед.



# ДАРСИ 53
## ТАСВИРИ ПИЁЛА

Бо ёрии хатти ёрирасон нишон додани шакли асосии ашё. Расмро тарзе тасвир кунед, ки ҳама қисмҳои ашё, андозаи онҳо дар расм мушаххас шавад.

Акнун кӯшиш кунед, ки тавассути рангҳои нафис оройиши тасвир зебову рангин дида шавад.





# ДАРСИ 54
## СОХТАНИ МОДЕЛИ ПАРАШУТ

Кӣ парашутро дидааст?

Кай ва дар куҷо онро ба кор мебаранд? Парашутро аз чӣ месозанд? Онро бо ёрии коғаз ин тавр сохтан мумкин аст.

1. Интихоби коғази чоркунҷашакл ва дар он ишора кардани хатҳои қатшаванда (*расми 1*).



*Расми 1*

2. Буридани ҷисми қатшуда аз рӯйи хатти буриши доирашакл (*расми 2*).



*Расми 2*

3. Интихоби ришта ва пайвасти онҳо (*расми 3*).



*Расми 3*

## Дар вақти холӣ
## НИГОҲУБИНИ САБЗАВОТ

Нигоҳубини рустаниҳои қитъаи ба уҳда гирифтаатонро идома диҳед.

Ба ҳисоб гиред, ки чанд маротиба бехи ниҳолро нарм карда, онҳоро чӣ гуна ғизо додаед.

Мушоҳида карда ба ҳисоб гиред, ки кадом сабзавот ба об эҳтиёҷи зиёдтар, кадомаш камтар ва кадомаш ниҳоят кам доранд.

Инчунин эҳтиёҷи рустаниҳоро ба рӯшноӣ аз хотир набароред.



Муайян кунед, ки кадом рустаниҳо айни ҳол ҳосил додаанд ва кадомашон баъдтар пухта мерасанд.

Оё маҳсули заҳмати шумо дар ошхонаи мактаб истифода мешавад ё не?

## ДАРСИ 55
## САЙРИ САҲРО

Ба талу теппаҳои атроф назар андозед. Замин чӣ гуна либос пӯшидааст? Дарахтон чӣ тавр рангашонро тағйир медиҳанд?

Манзараи мушоҳидакардаатонро тахмин аз рӯйи тартиби зерин тасвир кунед.



1. Тасвири шакли умумӣ.

2. Нишон додани манзараҳои алоҳида, аз ҷумла дарахтон.

3. Рангубори манзара.

# ДАРСИ 56
# ТАСВИРИ ДАРАХТИ МЕВА

Ба олами атроф назар кунед. Оё мушоҳида кардаед, ки дарахтон чӣ гуна гул карда ғӯра мебанданд.

Дар маҳалли шумо кадом меваҳои пешпазакро дидан мумкин аст? Ғӯраи он меваҳо чигунаанд ва баъди пухтан кадом рангро мегиранд. Аз рӯйи тартиби зерин дарахти меваро тасвир кунед.



1. Ба хатҳои нозук тасвир кардани расм дар рӯйи коғаз.

2. Дуруст тасвир кардани тана, шоху барги дарахт.

3. Бо мӯқалам ё қаламҳои ранга оро додани тасвир.

## ДАРСҲОИ 57-58
## СОХТАНИ ҲАЙКАЛЧАҲО ВА БОЗИЧАҲО

Аз гил ё пластилин ҳайкалчаву бозичаҳои гуногун созед. Ҳайкалчаву бозичаҳоро аз лӯндаи яклухт ва ҷузъҳо сохтан мумкин аст. Баъди сохтани шаклҳои дилхоҳатон онҳоро хушк кунед. Сипас, бо ранги сурх, бунафш ва дигар рангҳо онҳоро оройиш диҳед.



## Дар вақти холӣ
## ГУЛДӮЗӢ

Нақшу нигори куртаи чаканро аз назар гузаронида, яке аз нишонаҳои содатарро интихоб намуда, гулдӯзӣ кунед. Писарон имконият доранд, ки чунин нақшу нигорро бо ёрии рангҳои моеъ дар рӯйи коғаз тасвир кунанд.



## ДАРСИ 59
## ТАСВИРИ САБЗАВОТ

Баъди нигоҳубини рустаниҳо, намунае аз онҳоро интихоб карда, дар синф расмашонро тасвир намоед.

Тартиби тасвири бодиринг:



## Дар вақти холӣ
# СОХТАНИ МИЗУ КУРСӢ

Шумо бо ёрии қуттии гӯгирд мизу курсӣ сохтед. Масалан, онҳоро ин тавр сохта будед (*расмҳои 1, 2*).



*Расми 1*



*Расми 2*

Акнун имконият доред, онҳоро аз рӯйи нақшаҳои зерин созед *(расмҳои 3, 4, 5, 6, 7)*.



*Расми 3*



*Расми 4*



*Расми 5*



*Расми 6*



*Расми 7*

# ДАРСИ 60
# ТАСВИРИ РАСМИ КУРСӢ



Курсичаи дар дарси гузашта сохтаатонро ба ёд биёред. Оё чунин курсича дар синфи шумо дида мешавад? Пас, онро ба ҷойи намоён гузошта, расмашро тасвир кунед.

## Дар вақти холӣ
## ТАСВИРИ ФАСЛҲОИ СОЛ

Гузашти айём ва омадани фаслҳои гуногуни сол низ дар муҳити табиат ва рангҳои он тағйироте ба миён меорад. Ба фаслҳои сол таваҷҷуҳ кунед. Сипас, фаслҳои солро аз тасаввуроти худ тарзе тасвир кунед, ки онҳо дар мувофиқати рангҳо таҷассум ёбанд.



*Расми 1. Зимистон*



*Расми 2. Баҳор*



*Расми 3. Тобистон*



*Расми 4. Тирамоҳ*

# ДАРСИ 61
# ТАСВИРИ САБЗАВОТ

Ҳангоми тасвир кардани расми сабзавот кӯшиш кунед, ки тарзи ҷойгиршавӣ ва ранги аслии он дар рӯйи коғаз акс гардад. Албатта фарқи тарафҳои торику равшанро ба инобат гиред. Қисмҳои торик ва равшан бо рангҳои аслӣ тасвир карда шаванд.



# ДАРСҲОИ 62-63
## ТАСВИР АЗ АСЛ

Хонандагони азиз! Шумо ба баъзе тарзҳои расмкашӣ шинос шудаед. Кӯшиш кунед, ки усули дигари онро омӯзед. Шумо хуб медонед, ки агар ашё дар маркази нур қарор гирад, он таҷаллӣ (акс) хоҳад ёфт. Зеро нур боиси он мешавад, ки ранг ва ҳаҷми ашё бармало намоён шавад. Ҳоло ба тасвири нуре, ки дар рӯйи ашё акс шудааст, диққат кунед ва дар марҳалаи баъдӣ аз омӯзгори ҳунари рассомӣ барои раҳнамоӣ кумак хоҳед. Кӯшиш кунед, ки расмҳо зебову хушранг тасвир шаванд.





# ДАРСҲОИ 64-65
# ТАСВИРИ МОҲӢ

Дар расми зерин моҳиҳои гуногуншаклу гуногунранг тасвир шудаанд. Шумо метавонед аз тасаввуроти худ моҳиҳои гуногунро дар аквариум ва ё ҳавз эҷодкорона тасвир кунед. Сипас, аквариум ва моҳиҳоро бо рангҳои гуногун оро диҳед.

Аз коғази ранга чунин моҳӣ бурида, аппликатсия созед.



# ДАРСИ 66
# МАНЗАРАИ МАКТАБ

Расмро аз тасаввуроти худ тарзе тасвир кунед, ки дар он анвои дарахтон, осмон, майдони варзиш, бачаҳои хушҳол, бинои зебову рангини мактаб возеҳ ба назар расад.



# ДАРСИ 67
# ШИНОСОӢ БО МАРДИ ҲУНАРМАНД

Дар ин дарс шуморо бо наққоши барҷаста Юлдошбек Бароотбеков ошно мекунем. Баротбеков дар шаҳри бостонии Истаравшан дар оилаи ҳунарманд ба дунё омадааст.

Ю. Баротбеков ҳамчун наққоши кандакор дар байни мардум машҳур аст. Намунаҳои осори гаронбаҳои ин марди ҳунарманд дар осорхонаҳо ва китобхонаҳои ҷаҳон нигоҳдорӣ мешавад. Ӯ нахустин шахсест, ки санъати ҳаққокии замони суғдиёнро аз нав эҳё карда, бо нақшҳои зебову марғуби худ биноҳои тозабунёдро оройиш медиҳад.

Ю. Баротбеков дар наққошиҳои худ чеҳранигорӣ низ кардааст, ки кандакориҳои бою рангини миллиамонро ба хотир меорад.





Ӯ шогирдони зиёдеро ба камол расонидааст, ки мисли устоди худ дар биноҳову қасрҳо санъати волои кандакориро моҳирона ба кор мебаранд. Нақшу нигор яке аз ҳунарҳои дӯстдоштаи халқи мо ба шумор меравад.

Бинобар ин хеле зарур аст, ки ин ҳунари зебову рангини халқамонро омӯзем ва инкишоф диҳем.

## Дар вақти холӣ

## ҶАМЪОВАРИИ ГИЁҲҲОИ ШИФОБАХШ

Дар маҳалли шумо кадом намуди рустаниҳои шифобахш мерӯянд?

Оё дар хусуси аҳамияти ин гиёҳҳо шумо шунидаед? Кӣ гиёҳҳои шифобахши маҳалро номбар мекунад?

Вақти ҷамъоварии гиёҳҳоро ба ҳисоб гирифта, ба ҷамъоварии онҳо машғул шавед.

Яке аз гиёҳҳои назаррасро интихоб намуда, расмаш-ро тасвир кунед.

Масалан, гули садбарг.



## Дар вақти холӣ

# НАМОИШИ КОРҲО

Корҳои беҳтарини дар давоми соли таҳсил иҷро кардаатонро бо ёрии омӯзгор намоиш диҳед. Намоишро дар долони мактаб ё синфхона ташкил кунед.

Корро ин тавр ташкил кардан мумкин аст: пеш аз ҳама корҳои коғазини ҳамвори ҳаҷман калонро ба девор ҷой дода, дар зери онҳо (гирдогирди синфхона) мизҳоро ҷой диҳед.

Ба болои мизҳо корҳоро тавре ҷобаҷо гузоред, ки завқи тамошобинро оварда тавонад. Навиштани номи иҷрокунандаи корро фаромӯш накунед.

Аз расми зерин истифода баред.



# ДАРСИ 68
# СУПОРИШҲО БАРОИ ТАЪТИЛ

Шумо таътили худро дар ҷойҳои гуногун мегузаронед. Яке дар истироҳатгоҳ, дигаре дар боғу кӯҳу камар, сеюмӣ дар хона ва ғайра.

Сарфи назар аз макони дамгириатон кӯшиш кунед, ки бо кори худ ба оила ва падару модаратон ёрии амалӣ расонед.

Инчунин аз хотир набароред, ки кори қитъаи замини мактаб низ ба уҳдаи шумост. Метавонед ба навбат гулу гулзори қитъаи ба зимма гирифтаатонро нигоҳубин кунед.

Хеле муҳим аст, ки ҳар як таҷрибаву мушоҳидаи иҷро кардаатонро ба дафтар қайд кунед ва аз натиҷаи он хулоса бароред. Инчунин дафтар ё албом созед ва баргу пояи рустаниҳоро ҷамъ оваред.

Тасвири манзараҳоеро, ки мушоҳида кардаед, аз хотир набароред.



# ШАРҲИ БАЪЗЕ ИСТИЛОҲОТ

1. **Акварел** – рангест, ки дар таркиби он ширеш мавҷуд аст. Дар об ба осонӣ ҳал мешавад. Хусусияти хоси наққошӣ бо акварел шаффофии ранг аст.
2. **Амсила** – макет
3. **Анималист** (тасвири ҳайвонот) – рассомонеро мегӯянд, ки дар тасвир кардани расми ҳайвонот мутахассисанд.
4. **Аппликатсия** – асари бадеиест, ки бо роҳи ширеш кардан, дӯхтани коғаз ва дигар масолеҳ сохта мешавад.
5. **Архитектура** (меъморӣ ё бинокорӣ) – силсилаи иморату иншоотест, ки барои ҳаёт ва фаъолияти одамон муҳити фазоиро ба шакли муайян медарорад. Ба ин иморатҳо: майдону хиёбонҳо, боғу варзишгоҳҳо, деҳаву шаҳрҳо дохил мешаванд.
6. **Блик** (партав, дурахш) – ҷойи аз ҳама равшан, баъзан дурахшони рӯйи ашёи тасвиршаванда.
7. **Гаммаи рангҳо** – силсилаи тобишҳои мутаносибан пайвастаи ранг аст, ки барои эҷоди асари бадеӣ истифода мешавад.
8. **Графика** (аз калимаи юнонӣ «графо») – навиштан, расм кашидан, нақшу нигор офаридан.
9. **Гуаш** (ранги обакӣ) – аз акварел бо он фарқ мекунад, ки омехтаи белил (сафедоб) дошта, хусусияти хуби рангомезӣ дорад. Бо он дар рӯйи коғазу картон корҳои оройиширо иҷро мекунанд.
10. **Дизайн** (аз англисии «desing») – бунёди конструксияи бадеии мошин, дастгоҳ ва дохил (интерер)-и бино, зебо ва эҷодкорона сохтан ва оро додани он.
11. **Жанр** (аз фаронсавӣ «gansing») – ба гурӯҳҳо тақсимшавии ҳамаи намудҳои ҳунар (санъат), ки аз қадим шакл гирифтааст. Масалан, дар санъати тасвирӣ асарҳо дар мавзӯъҳои маишӣ, чеҳранигорӣ, манзаранигорӣ, (натюрморт) расми чизҳои беҷон: гул, мева ва ғайра.

12. **Конструксия** (аз лотинии «constricto») – тартиб додани асари бадеӣ, яъне дар алоқамандӣ ҷобаҷо гузоштани шаклҳои асосӣ.
13. **Композитсия** (бандубаст) – аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, ҷобаҷокунӣ, ташкил, пайвастро мефаҳмонад. Ҳамбастагии унсурҳои асари бадеиест, ки аз он мазмуну мундариҷа ва ғояи асар аниқ мегардад.
14. **Методҳои интерактивӣ** – роҳу усулҳои ҳамкорӣ дар таълим, ки фаъолии ҳар як узви гурӯҳро тақозо мекунад.
15. **Натюрморт** (калимаи фаронсавӣ ба маънои асли беҷон) – яке аз жанрҳои рассомиву графика аст, ки ба тасвири асбобҳои маишӣ, рӯзгор, меваҷот ва ғайра бахшида мешавад.
16. **Перспектива** – як тарзи расмкашӣ бо нишон додани тағйироти хаҷму андоза, равшан ё хира намудоршавии чизҳо вобаста ба дуршавии онҳо аз ҳамдигар.
17. **Рангҳои иловагӣ** – рангҳо ба равшан ва торик ҷудо мешаванд. Ҳангоми ба ҳам омехтани онҳо рангҳои нав ҳосил мешавад. Мисол, аз ранги сурх бо омехтани ранги зард ранги норинҷӣ ҳосил мешавад.
18. **Рефлекс** – инъикос, аксандоз.
19. **Сюжет** – мавзӯи асари бадеӣ.
20. **Трафарет** (аз калимаи итолиёии «traforetto») – қолиби воситаҳои гуногун барои тезонидани суръати нақшакашӣ ва корҳои оройишӣ.
21. **Шрифт** – ҳарф ё рақами оройишӣ, ки барои зинати бадеӣ истифода мешавад.
22. **Штрих** – хатте, ки рассом бо як ҳаракати даст мекашад.
23. **Эскиз** – (аз фаронсавӣ) пешакӣ, расме, ки мақсади асари бадеӣ зуд ба тарзи намуна кашида мешавад.

# МУНДАРИҶА

Дарси 1. Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон .....3
Дарси 2. Саёҳат ....................................................................4
Дарси 3. Корҳои оройишӣ ........................................................5
Дарси 4. Шаклу суробсозӣ бо ёрии ҷисмҳои табиӣ .......................6
Дарси 5. Сохтани гӯшаи ситорача ..............................................7
Дарсҳои 6-7. Тасвири мева ва барг ............................................9
Дарси 8. Тасвири манзараи фасли тирамоҳ ................................12
Дарси 9. Тасвири парвози парандагон .......................................14
Дарси 10. Нақшу нигори миллӣ ................................................17
Дарси 11. Чароғаки роҳнамо ....................................................19
Дарси 12. Ҷамъоварии ҳосил ....................................................20
Дарси 13. Туҳфа ба калонсолон ................................................21
Дарси 14. Бо ёрии ресмон сохтани шаклҳои дилхоҳ ....................21
Дарси 15. Тасвири мева дар расм .............................................23
Дарси 16. Ба воситаи найча сохтани шаклҳо ...............................25
Дарси 17. Тасвири манзараи кишвари офтобӣ ..............................26
Дарси 18. Сохтани шаклу суроби зарф ва нақшу нигори он ........28
Дарси 19. Тасвири баргҳои зарин .............................................30
Дарси 20. Тирамоҳро тасвир мекунем .........................................31
Дарси 21. Эҷодкорӣ аз ашёи табиат ..........................................33
Дарси 22. Театри лӯхтак .........................................................35
Дарси 23. Тасвири хона ва деҳа ...............................................36
Дарси 24. Ҷамъоварии ҳосил ....................................................37
Дарсҳои 25-26. Бозичаҳои оройишӣ ...........................................38
Дарси 27. Тасвири манзараи кӯҳсор ..........................................43
Дарси 28. Шиносоӣ бо рассом ...................................................44
Дарси 29. Тасвири зарфҳо .......................................................45
Дарсҳои 30-31. Сохтани шакли парандагон .................................47
Дарси 32. Нақшу нигори миллӣ ................................................48

Дарси 33. Туҳфа ба рӯзи Артиши миллӣ ....................................52
Дарси 34. Модели киштӣ ....................................................55
Дарси 35. Тасвир аз рӯйи мавзӯъ ...........................................56
Дарси 36. Корҳои оройишӣ ..................................................57
Дарсҳои 37-38. Тасвир дар мавзӯи афсона ...................................59
Дарси 39. Сохтани бозичаҳо барои кӯдакони боғча ...........................60
Дарси 40. Шиносоӣ бо марди ҳунарманд ......................................61
Дарси 41. Чавгонбозии миллӣ ...............................................63
Дарси 42. Сохтани зарф бо усули оҳардиҳӣ ..................................63
Дарсҳои 43-44. Оройиши нақшу нигор ........................................65
Дарси 45. Туҳфа ба ҷашни Рӯзи Модар .......................................66
Дарси 46. Корҳои оройишӣ ..................................................68
Дарси 47. Нигоҳубини рустанӣ ва сабзавот ..................................70
Дарси 48. Тасвири манзараи баҳор ..........................................71
Дарси 49. Сохтани зарфҳо ..................................................72
Дарси 50. Корҳои оройишӣ ..................................................74
Дарси 51. Сӯзангирак ......................................................75
Дарси 52. Нақшу нигор .....................................................76
Дарси 53. Тасвири пиёла ...................................................76
Дарси 54. Сохтани модели парашут ..........................................77
Дарси 55. Сайри саҳро .....................................................79
Дарси 56. Тасвири дарахти мева ............................................80
Дарсҳои 57-58. Сохтани ҳайкалчаҳо ва бозичаҳо .............................81
Дарси 59. Тасвири сабзавот ................................................82
Дарси 60. Тасвири расми курсӣ .............................................84
Дарси 61. Тасвири сабзавот ................................................85
Дарсҳои 62-63. Тасвир аз асл ..............................................86
Дарсҳои 64-65. Тасвири моҳӣ ...............................................87
Дарси 66. Манзараи мактаб .................................................87
Дарси 67. Шиносоӣ бо марди ҳунарманд ......................................88
Дарси 68. Супоришҳо барои таътил ..........................................91
Шарҳи баъзе истилоҳот .....................................................92

Бойназаров Бойназар, Қурбонова Гулрухон,
Ҳалимзода Давлатбек, Раҷабалиева Гулчеҳра

# САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

**Китоби дарсӣ барои синфи 2-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Нашри сеюм**

Рассомон – Бойназар Бойназаров, Меҳрангез Довутова
Муҳаррир – Фаридуни Умарбек
Тарроҳ – Фурқат Мирзоев, Владимир Казберович

Ба чоп 01.02.2019 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 70×90/16. Ҷузъи чопӣ 6.
Адади нашр 80 000 нусха.

Дар матбааи ҶДММ «Полиграф групп» ба табъ расидааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ҳувайдуллоев, 113.
E-mail: info@polygraph-group.tj | www.polygraph-group.tj
Телефон: (+992 37) 235-13-13.